Агар шуморо ғайриқонунӣ боздошт ё ғайриқонунӣ дар политсия нигоҳ медоранд, ба ин ҷо муроҷиат кунед Общественную наблюдательную комиссию (ОНК) onkspb.ru.

## ЧӢ БОЯД КАРД, АГАР ШУМОРО ДАР ЦВСИГ ҶО КУНАНД?

Агар шуморо дар Маркази нигаҳдории муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ Центр временного содержания иностранных граждан (ЦВИГ) ҷой кардaнд, кӯшиш кунед, ки харҷӣ зудтар ҳуҷҷатҳои худро барқарор кунед. Ҳатман ба консулгарии кишвари худ ё барои гирифтани ёрии бепули ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ муроҷиат кунед. Ба шумо метавонад Комиссияи ҷамъиятии назорат Общественная наблюдательная комиссия (ОНК) ёрӣ расонад.

## ЧӢ ТАВР ЁРИИ ТИББӢ ГИРИФТАН ЛОЗИМ АСТ?

Барои гирифтани ёрии таъҷилии тиббӣ аз телефони мобилӣ ба рақами 103 ё 112 занг занед. Дар ҳолати таҳдид ба ҳаёт ва саломатӣ уҳдадор ҳастанд, ки ба шумо ёрии тиббии таъҷилии бепул расонанд, ҳатто агар полиси тиббӣ ва ҳуҷҷат ҳам надошта бошед!

Ҳар шаҳрванди хориҷӣ (аз ҷумла фарзандон) бояд полиси суғуртаи тиббӣ гиранд – ДМС ё ОМС (барои шаҳрвандони бо шартномаи меҳнатӣ коркунандаи ЕАЭС).

## ЧӢ БОЯД КАРД, АГАР ДАР ГИРИФТАНИ ЁРИИ ТИББӢ МУШКИЛОТ ПЕШ ОЯД?

Агар барои гирифтани ёрии тиббӣ мушкиле пеш ояд, ба ин ҷо Росздравнадзор: 8 (800) 550-99-03, 8 (812) 314-67-89 ё ба Комитет по здравоохранению Санкт-Петербурга: 8 (812) 635-55-64, 8 (812) 571-34-06, 8 (812) 635-55-63 муроҷиат кунед.

## ЧӢ ТАВР БАЧАРО БА КӮДАКИСТОН ВА МАКТАБ ШОМИЛ КАРД?

Мувофиқи қонун ҳамаи бачаҳои синни мактабӣ ҳуқуқи бепул ба мактабҳои давлатӣ шомил шудан доранд. Барои шомил кардани кӯдакон ба кӯдакистон ё синфи якуми мактаб ба маркази бисёрҷабҳа (МФЦ) ё мактаби ҷои сабти ном (регистратсия) муроҷиат кунед. Барои шомил кардани бачаҳои аз синфи якум боло ба мактаби ҷойи сабти истиқомат муроҷиат кунед. Агар дар мактаб хоҳиши шуморо рад кунанд, ба шуъбаи маорифи ноҳия муроҷиат кунед, он уҳдадор аст, ки дар ягон мактаби ноҳияи шумо ҷой ёбад.

## ЧӢ БАРОИ МУТОБИҚ ШУДАН БА РОССИЯ МУСОИДАТ МЕКУНАД?

Барои зудтар бо Россия мутобиқ шудан тавсия медиҳем, ки бештар бо аҳолии маҳаллӣ муошират кунед, дӯст пайдо намоед, дар ҷашнҳо ширкат варзед, ба тамошои кино, осорхонаҳо, театрҳо, китобхонаҳо равед, забони русиро амиқ омӯзед.

Сатҳи дониши забони русиро ба воситаи сайтҳо ва замимаҳо, масалан: «Россия для всех» (узбекский), TORFL GO, pushkininstitute.ru – портали «Образование на русском» баланд бардоред. Дар бораи таърих ва фарҳанги Россия аз ин сайтҳо маълумот гирифтан мумкин аст culture.ru ва histrf.ru.

## АЗ КУҶО ЁРӢ ВА МАСЛИҲАТИ БЕПУЛ ГИРИФТАН МУМКИН АСТ?

**Единый экстренный канал помощи – 112** (аз телефони собит ё мобилӣ) – ҳангоми вазъиятҳои фавқулодда, таҳдид ба ҳаёт ва саломатӣ.

**Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге:**
сайтҳо: gov.spb.ru/gov/otrasl/kmormp/,vk.com/spbmigrant
e-mail: info@kmormp.gov.spb.ru
тел.: 8 (812) 576-28-08.
Хатти доғ барои шаҳрвандони хориҷӣ: 8 (812) 576-28-67

**СПБ ГКУ «Санкт-Петербургский Дом национальностей»:**
сайтҳо: spbdn.ru, vk.com/domnac_spb
e-mail: domnac@yandex.ru
тел.: 8 (931) 326-58-29
Хатти доғ барои шаҳрвандони хориҷӣ: 8 931 326-55-12

**Благотворительный фонд «ПСП-фонд»:**
сайтҳо: migrussia.ru, vk.com/pspfond
тел.: 8 (953) 141-31-09, 8 (812) 337-57-85

## САЙТҲОИ МУФИД

**migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru** – хазинаҳои интернетӣ барои муҳоҷирони Комитети муносибатҳои байнимиллӣ ва татбиқи сиёсати муҳоҷират дар Санкт-Петербург

**migrussia.ru** – маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва масъалаҳои мутобиқшавӣ, робитаҳои муфид ва маводи иттилоотӣ ба чанд забон.

**Информационные ресурсы Санкт-Петербургского Дома национальностей**

Хатти доғ барои шаҳрвандони хориҷӣ: 8 931 326-55-12

**spbdn.ru** **vk.com/domnac_spb** **t.me/spb_dn**

---

*Буклет «Добро пожаловать в Санкт-Петербург! Полезные советы в помощь мигранту» (на таджикском языке).*
*Разработка текста: БФ «ПСП-фонд»*
*Авторы-составители: Гончарова Д.В., Якимов А.Н., Панич Б.Л.*
*Тираж 2000 экз.*
*Изготовлено по заказу СПБ ГКУ «СПб Дом национальностей» при поддержке Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге.*

Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

Дом Национальностей Санкт-Петербург

БФ «ПСП-ФОНД»

# Хуш омадед ба Санкт-Петербург!

# Маслиҳатҳои муфид ба ёрии муҳоҷир

Санкт-Петербург
2023

Хуш омадед ба Санкт-Петербург! Дар ин китобча шумо маслиҳатҳои муфидеро меёбед, ки бароятон дар тайёр кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, риояи қонунҳои муҳоҷират, ёфтани кори қонунӣ, ташкили зиндагии ҳаррӯза, ёфтани ёрии даркорӣ ва маълумот ёрӣ мерасонанд.

## КАДОМ ҲУҶҶАТҲОРО БО ХУД ДОШТАН ЛОЗИМ АСТ?

Барои тафтиш ҳамеша бо худ шиноснома, корти муҳоҷират, регистратсия, патенти кор бо чекҳои пардохт (ба ғайри шаҳрвандони ЕАЭС), полиси амалкунандаи тиббиро гиред. Ҳамаи саҳифаҳои шиноснома, корти муҳоҷират, регистратсия, патент, полиси тиббӣ, шартномаи меҳнатии худро барои сарсон нашудан ҳангоми гум шуданашон нусхабардорӣ кунед.

## ҲАНГОМИ ТАЙЁР КАРДАНИ ҲУҶҶАТҲО ЧӢ ЁРӢ РАСОНДА МЕТАВОНАД?

Дар портали «Государственные услуги РФ» gosuslugi.ru/foreign-citizen сабти ном кунед. Бо ёрии «Госуслуг» ба таври фосилавӣ сабти муҳоҷират кардан, полиси тиббӣ гирифтан, дар қабулгоҳи Управление по вопросам миграции навбат истодан ва ғайраро иҷро кардан мумкин аст.

## ДАР КАДОМ СУРОҒА САБТИ МУҲОҶИРАТ КАРДАН ЛОЗИМ АСТ?

Муҳим аст, дар суроғае сабти муҳоҷират кунед, ки он ҷо зиндагӣ мекунед, вагарна шуморо ҷарима мекунанд.

## ЧӢ ТАВР ВА ДАР КУҶО ПАТЕНТИ ҲАҚҚОНӢ ГИРИФТАН МУМКИН АСТ?

Дар Санкт-Петербург патенти ҳаққонии корро танҳо дар «Паспортно-визовом сервисе» МВД России ва шуъбаҳои он гирифтан мумкин аст: pvsmvd.ru/branches/78

Дар бораи тайёр шудан ва ҳаққонӣ будани патенти кор аз ин сайт маълумот гирифтан мумкин аст: мвд.рф/сервисы-гувм

## КАЙ МАБЛАҒИ ПАТЕНТРО СУПУРДАН ДАРКОР АСТ?

Маблағи патентро на дертар аз 1 рӯзи то ба охир расидани муҳлати пардохтшудаи пешина бояд супурд. Маблағро ба муҳлати то 12 моҳ аз сани гирифтани патенти кор пешпардохт кардан мумкин аст.

## ДАР КУҶО КОР ҶУСТАН ЛОЗИМ АСТ?

Барои ҷустани кор сайтҳои расмиро истифода баред, масалан: «Работа России» trudvsem.ru ё бонки вакансияҳои Санкт-Петербург ar21.spb.ru

Ба миёнравҳо муроҷиат накунед – онҳо метавонанд шуморо фиреб диҳанд ва ба сифати қувваи кори бепул истифода баранд.

## ВАҚТИ БА КОР ДАРОМАДАН ЧИРО ДОНИСТАН МУҲИМ АСТ?

Дар ёд доред: кор кардан танҳо бо он ихтисос ва дар он минтақае мумкин аст, ки дар патенти шумо сабт шудаанд. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград минтақаҳои ҷудогона мебошанд!

Донистани ном ва суроғаи ташкилоте, ки дар он кор мекунед, вазифа, ному насаб, телефони роҳбаратон муҳим аст. Ин маълумот, агар ҳифзи ҳуқуқатон лозим ояд, даркор мешавад.

## ЧӢ ТАВР ХУДРО ДАР ҶОЙИ КОР БЕХАТАР БОЯД КАРД?

Танҳо бо шартномаи хаттии расмӣ, ки дар он ҳамаи шартҳои кор ва музди меҳнат нишон дода шудаанд, кор кунед вагарна шуморо метавонанд фиреб диҳанд. Ҳатман нусхаи шартномаи меҳнатии имзокардаи корфарморо гиред.

Пулро дар корти бонкии ба номатон сабтшуда, ё шахсан аз муҳосибот бо имзо ва варақаи ҳисобӣ гиред. Агар дар ҷойи кор аз шумо қарздор бошанд, забонхат талаб кунед.

Ҳама чизеро, ки имзо мекунед, хонед, талаб кунед, ки нусхаашро диҳанд. Агар шумо ба он чизе, ки имзо мекунед, розӣ набошед, метавонед аз имзо даст кашед. Ба ҳуҷҷате, ки моҳияташро намедонед, имзо нагузоред.

Ҳуҷҷатҳоятонро барои нигоҳдорӣ ба ҳеҷ кас надиҳед: ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ҳуҷҷатҳоятонро гирад, равуои озоди шуморо маҳдуд кунад, телефонатонро гирад ва ғайра. Гирифтани шиноснома ва маҳдуд кардани озодӣ ҷиноят аст: дар ин ҳолатҳо таъҷилан ба политсия муроҷиат кунед!

## АГАР ДАР ДОДАНИ МУЗДИ КОР ТАЪХИР КУНАНД, ЧӢ БОЯД КАРД?

Агар дар пардохти музди кор ба муддати беш аз 15 рӯз таъхир кунанд, шумо ҳуқуқ доред, ки мутобиқи ч.2 ст.142 Трудового кодекса РФ ба корфармо оид ба қатъ кардани кор бо сабаби напардохтани музди кор ариза диҳед. Инчунин маслиҳат медиҳем, ки дар ин ҳолат ба корфармо эътирози хаттӣ диҳед ва ба Государственную инспекцию труда ва Прокуратуру муроҷиат кунед.

## ЧӢ БОЯД КАРД, АГАР ҶИНОЯТЕ РӮЙ ДОД?

Агар шумо шоҳид ё қурбонии ҷиноят шудед, ба политсия муроҷиат кунед: шахсан ё бо рақами 02 аз телефони собит 102 ё 112 – аз телефони мобилӣ, сайт – 78.мвд.рф

Агар шумо бо зуҳуроти экстремизм ё терроризм дучор шудед, дар ин бора ба ФСБ России хабар диҳед: http://www.fsb.ru/fsb/webreception.htm – қабулгоҳи электронӣ ФСБ России, +7 (495) 224-22-22, 8 (800) 224-22-22 – хатти доғи ФСБ России.

## ЧИРО ДОНИСТАН МУҲИМ АСТ, АГАР ПОЛИТСИЯ ШУМОРО БАРОИ ТАФТИШИ ҲУҶҶАТҲО БОЗДОРАД?

Кормандони политсия ҳангоми тафтиши ҳуҷҷатҳо бояд дар ҳолати иҷрои вазифаи хизматӣ қарор дошта, дар либоси хизматӣ бо нишони махсуси сарисинагӣ (жетон) бошанд – рақами онро дар ёд доред ё нависед, инчунин шаҳодатномаи хизматияшонро талаб кунед ва бо он шинос шавед.

Агар кормандони политсия аз шумо хоҳиш кунанд, ки барои тафтиши ҳуҷҷатҳо аз рӯйи хазинаи маълумот равед, маслиҳат медиҳем, ки ба хешон ва дӯстонатон занг занед ва хабар диҳед, ки дар куҷо ҳастед ва бо киҳо суҳбат доред. Муҳим аст, ки касе аз аҳволатон бохабар бошад.

Дар ёд доред: додани пора ҷиноят аст. Ба кормандони политсия пора надиҳед!

## ЧӢ БОЯД КАРД, АГАР ШУМОРО ПОЛИТСИЯ ДАСТГИР КУНАД?

Агар шуморо боздошт кунанд, шумо ҳуқуқи гуфтугӯйи телефонӣ доред, метавонед ҳимоятгар ва тарҷумон талаб кунед, агар забони русиро нағз надонед. Агар шуморо боздошт кунанд, шумо ба гуфтугӯйи телефонӣ ҳуқуқ доред, метавонед ҳимоятгар ё тарҷумон талаб кунед, агар забони русиро нағз надонед.

Ҳатман талаб кунед, ки нусхаи ҳуҷҷати боздошт (протокол)-ро дар бораи вайронкунии маъмурӣ ба шумо диҳанд.

Агар шумо бо мухтавои протокол розӣ набошед, нависед: «С протоколом не согласен/ не согласна» (Ба протокол розӣ нестам) ва сабабашро нависед. Агар матнро нафаҳмидед, нависед: «Текст на русском не понимаю» (Матни русиро намефаҳмам).

Кормандони политсия ҳуқуқ надоранд, ки ҳуҷҷатҳои шуморо ҳамчун замонат барои пардохти ҷарима ва пардохтҳои дигар гиранд - ин ғайриқонунӣ аст. Ҷарима танҳо бо қарори суд ё сардори шуъбаи масъалаҳои муҳоҷират муқаррар мешавад. Дар вақти баррасии парвандаи худ дар суд ҳатман иштирок кунед ва нусхаи қарорро гиред. Шумо метавонед дар муҳлати 10 рӯз аз болои он шикоят кунед, ё дар муҳлати 30 рӯз ҷаримаро пардохт кунед.

Агар кормандони политсия ҳуқуқҳои шуморо поймол кунанд, қабули аризаатонро рад кунанд, уҳдадориҳои худро иҷро накунанд, пора талабанд ва зӯроварӣ кунанд, шумо метавонед бо муроҷиат кардан бо телефони 112 ё 02 ё ба «Горячую линию» МВД РФ: 8 (800) 222-74-47, “Телефон доверия” ГУ МВД по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области: 8 (812) 573-21-81 ёрӣ талаб кунед.